6. С целью укрепления и обеспечения устойчивости уже созданной за годы Советской власти в республике породной группы «Таджикская лошадь», необходимо возродить и создать соответствующие условия для полноценного функционирования конного завода республики. Необходимо создать кумысные цеха с привлечением опытных производителей кумыса.

7. На базе исторического опыта по развитию животноводства и зооветеринарной службы создать новые программы с учетом новой инновационной технологии.

8. Необходимо восстановить утерянное количество уникальной породной группы так называемой «Таджикская овца», созданной отрядом таджикских селекционеров во главе с академиком Гулямом Алиевичем Алиевым.

9. Для создания исследовательской атмосферы научным сотрудникам, аспирантам и докторантам данной области и пропаганды исторического опыта необходимо создать отраслевой музей институтов животноводства и ветеринарии республики.

**Основное содержание диссертации отражены в следующих публикациях автора:**

[1-А]. Ниъматов С. Из истории зооветеринарной службы в Таджикистане. Монография / С.Ниъматов. - Душанбе: Ирфон, 2017. - 190 с.

**Статьи, опубликованные в ведущих рецензируемых научных журналах, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

[2-А]. Ниъматов С.Из истории животноводческих совхозов Таджикистана / С.Ниъматов // Вестник Таджикского национального университета Таджикистана. Научный журнал (ISSN)- 2074-1847 №3/4(205) .- Душанбе: Сино, 2016.-С.45-51.

[3-А]. Ниъматов С. Развитие зооветеринарной службы в годы восстановления народного хозяйства Таджикистана / С.Ниъматов // Вестник Таджикского национального университета Таджикистана. Научный журнал (ISSN)- 2074-1847 №3/5(208).-Душанбе: Сино, 2016. - С. 53-57.

[4-А]. Ниъматов С. Создание системы материально-технического снабжения ветучреждений в годы упрочения советской власти в Таджикистане / С.Ниъматов // Вестник Таджикского национального университета Таджикистана. Научный журнал (ISSN)- 2074-1847 №3/7(214). - Душанбе: Сино, 2016.-С.76-80.

[5-А]. Ниъматов С. Зарождение зооветеринарной службы в городах и районах Республики Таджикистан / С.Ниъматов // Вестник Таджикского

национального университета Таджикистана. *Научный журнал (ISSN)*-2074-1847 №3/8(216). - Душанбе: Сино,2016. - С. 62-65.

**Статьи, опубликованные в других изданиях**

[6-А]. Ниъматов С. Состояние животноводства в дореволюционном Таджикистана / С.Ниъматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (ISSN) 2410-4221. №1.-Данғара, 2015.-95-102.

[7-А]. Ниъматов С. Муҳаққиқи таърихи Ҳисор / С.Ниъматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара.-Данғара, 2015. -№2. – С.61-64.

[8-А]. Ниъматов С. Ҳисор ҳамчун маркази тамаддуни кишвар / С.Ниъматов // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию назарияви дар мавзӯи «Илм ва тахсилоти муосир: мушкилот ва дурнамо». - Данғара, 2015.- С.23-29.

[9-А]. Ниъматов С. Из истории орощение и освоение явано-обикиикской долины / С.Ниъматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара.- Дангара, 2015. - С.203-207.

[10-А]. Ниъматов С. Тамаддуни шарк ва авруппомаркази̅ / С.Ниъматов // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Илм ва тахсилоти муосир: мушкилот ва дурнамо».- Дангара, 2015. - С. 208-211.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**ВБД: 9:619 (575.3)** *Боҳуқуқи дастнавис*

**НИЪМАТОВ САЛОҲИДДИН НАЗУРОВИЧ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИИ ЗООВЕТЕРИНАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН(с. 1924-1991)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърихаз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ
(таърихи халқи тоҷик)

**Душанбе-2022**

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Абдуназаров Хушбахт -** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода**– доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |
| | **Артықов Абдурафиқ Абдураҳманжанович –** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон |
| **Ташкилоти тақриздиҳанда:** | **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** |

Ҳимоя рӯзи 19 январи соли 2023, соати 13:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва дар сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www. institute-history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» __________ соли 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **РаҷабовА.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Дар охири асриXX дар ҳаёти халқи тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон баъд аз бадаст овардани истиқлолияти комил ба буҳрони шадиди иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки тамоми соҳаҳои ҷамъият ва давлатро фаро гирифта буд, дучор гардид. Дар натиҷаи гусастани равобити иқтисодӣ баъд аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, аз як ҷониб ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 аз ҷониби дигар, ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ хисороти зиёд расид.

Сектори аграрӣ, бахусус соҳаҳои таҳрикдиҳандаи он – хоҷагии қишлоқ ва чорводорӣ ба ҳолати ногувор мувоҷеҳ гардиданд.Дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии мамлакат, ки амалиётҳои фаъоли ҷангӣ ба амал омада буданд, садҳо ҳазор сар чорво нест шуданд. Муассисаҳои хизматрасонии зооветеринарӣ аз фаъолият бозмонданд. Ин ҳолат ба камчинии маҳсулоти гуштӣ-ширӣ оварда расонда, ба амнияти озуқаворӣ хатар эҷод намуд.

Бо ба даст омадани истиқлолият дар Тоҷикистон талабот ба маърифати таҷрибаи таърихии ташкил кардан ва рушд додани чорводории ҷамъиятӣ, фаъолияти муассисаҳои зоотехникӣ ва ветеринарӣ, ки дар маҷмуъ системаи чорабиниҳоро дар риштаи ветеринарӣ ва чорводорӣ таъмин ва ташкил карда тавонанд, пайдо шуд.

Дар ҳоли имрӯз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон маҳз ҳалли масоили амнияти озуқавориро яке аз се вазифаҳои стратегии давлат муайян намуда, ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.Дар яке аз баромадҳои худ Президенти мамлакат оид ба чорводорӣ чунин қайд мекунад: «Барқарорнамоӣ ва рушди чорводорӣ, болобардории самаранокии он, вазифаи асосии стратегии мамалакат маҳсуб меёбад».[56]

Аз ин рӯ, дар марҳилаи барқарорнамоии чорводорӣ, таҳаввулоти унсурҳои асосии он, аз ҷумла хизматрасонии ветеринарӣ, омӯзиш ва истифодабарии таҷрибаи бойи таърихии гузаштаи начандон дури Тоҷикистон дар ин соҳа, бешубҳа, мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Дар таърихи Тоҷикистон давраи шӯравӣ замони таҳаввулоти куллӣ дар ҳаёти давлат ва ҷамъият буд.Аз пайи барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар ислоҳот гузаронида шуд.Барқароршавӣ ва рушди институтҳои ветеринарӣ ба ислоҳоти куллӣ дар соҳаи аграрӣ, ташкилёбии чорводории ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар ҷумҳурӣ вобастагӣ дошт.

Омӯзиши ташаккул ва рушди фаъолияти муассисаҳои ветеринарӣ аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалиро молик аст.Барои хоҷагии халқ хизматрасонии зоотехникӣ ва ветеринарӣ ҷанбаҳои асосӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи чорводорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Маҳз аз ин лиҳоз, дар ҳоли имрӯз масоили рушди чорводорӣ ва роҳандозии барномаҳои давлатӣ, ислоҳоти ин соҳа мубрамияти хоссаро моликанд.

Дар Тоҷикистон охири асри XIX-ро марҳилаи ташаккулёбии хизматрасонии ветеринарӣҳисобидан мумкин аст. Дар солҳои аввали

---

[56] Азия плюс. 2018. 21 янв.

ҳокимияти Шӯравӣ дар ин ҷо бунёди нахустин институтҳои ветеринарӣ оғоз ёфт.Дар солҳои 20-30-юми асри XX дар Тоҷикистон аз пайи рушд ва мукамалгардии фаъолияти колхозҳо ва совхозҳо тадриҷан низоми хизматрасонии ветеринарӣ низ зуҳур кард.Дар солҳои баъд аз ҷангӣ хизматрасонии ветеринарӣ амалан дар ибтидо барқарор гардид ва баъд рушд намуд. Хизматрасонии ветеринарӣ бахусус дар солҳои 70-80-уми асри XX бо суръати баланд рушд кард. Маҳз дар ҳамон давра шабакаи хизматрасонии ветеринарӣ бунёд ёфт.

**Мубрамияти** масоили тадқиқшавандаро инчунин омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи мусбат, ошкор намудани падидаҳои номатлуб дар риштаи хизматрасонии зооветеринарӣ муайян менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Бо назардошти таҳлили адабиёти мавҷуда, онҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард.Ба гурӯҳи аввал таҳқиқотеро, ки умуман ба таърихи халқи тоҷик ва таърихи аграрии Тоҷикистон бахшида шудаанд, дохил кардан мумкин аст. Дар онҳо дар раванди инъикоси таърихи дигаргунсозиҳои сотсиалистии хоҷагии қишлоқ, ба таври умумӣ баъзе паҳлуҳои ташаккулёбӣ ва рушди хизматрасонии ветеринарӣ баррасӣ гардидаанд.[57] Дар таҳқиқоте, ки ба таърихи Тоҷикистони Шӯравӣ ва таърихи ҳизби Коммунистии ҷумҳурӣ бахшида шудаанд, баъзе маводи мушаххас оид ба бунёди пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ ва ташаккулёбии чорводории колхозӣ-совхозӣ дар ҷумҳурӣ оварда шудаанд.Аммо дар ин корҳои ҷамъбастӣ ба таърихи ташаккулёбии хизматрасонии ветеринарӣ кам таваҷҷуҳ гардидааст.Зиёда аз ин, дар онҳо махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушдихизматрасонии ветеринарӣ дар ҷумҳурӣ инъикос нагардидаанд.

Маводи арзишманд оид ба таърихи чорводорӣ, аз ҷумла оид ба хизматрасонии ветеринарӣ дар саҳифаҳои таърихи бисёрҷилдаи таърихи халқи тоҷик пайдо кардан мумкин аст.[58] Коллективи муаллифон аз Институтитаърих, бостоншиносӣва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи хоҷагии халқ, иқтисодиёти Тоҷикистони даврони шӯравиро инъикос намуда, масоили ташаккулёбӣ ва рушди хизматрасонии ветеринариро низ баррасӣ намудаанд.Ҳамзамон эшон нақши махсуси олимони шӯравиро дар ташаккулёбии Институти ветеринарӣ дар Тоҷикистонро қайд кардаанд.

Таълифоте, ки ба таърихи халқи тоҷик ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурӣ бахшида шудаанд, низ вуҷуд доранд.[59]Дар онҳо ба таври умумӣ дар

---

[57] История таджикского народа. В трех томах, пяти книгах. // Под ред. академика АН СССР Б. Гафурова и др. М.: Наука, 1963.-1965; Хайдаров Г.А. История таджикского народа: XX век, Худжанд, 2001; Набиева Р.Л., Зикриёев Ф.Б.Таърихи халки точик.- Сарпараст,2001; Эркаев М., Николаев Ю. Шарофов Я. Очерки таърихи Точикистони совети, Сталинобод,1960; Рахматуллоев А.,Мухторов С. Очеркхои таърихи Точикистони совети,- Душанбе: Маориф, 1989; -Душанбе: Дониш, 1980; Гафурова Н. К истрии Компартии Таджикистана (1924-1929 гг.).- Душанбе, 1963; Компартия Таджикистана в условиях развитого социалистического общества.-Душанбе: Ирфон, 1974; Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. Т.](1903-1937 гг.), 3-е изд. доп. и переработ.- Душанбе: Ирфон, 1980; Т.2 (1938-1983 гг.).- Душанбе: Ирфон, 1984;

[58] История таджикского народа.- Т. 5, Душанбе, 2004 и Т.6, Душанбе,2011.

[59] История таджикского народа. В трех томах, пяти книгах. // Под ред. академика АН СССР Б. Гафурова и др. М.: Наука, 1963.-1965; Хайдаров Г.А. История таджикского народа: XX

раванди инъикоси таърихи таҳавулоти хоҷагии қишлоқ баъзе самтҳои ташаккулёбии хизматрасонии зооветеринарӣ инъикос гардидаанд.

Ба гуруҳи дуюм таълифоти марбут ба таърихи таҳавулоти хоҷагии қишлоқ ва мубориза ҷиҳати бунёди ҷамъияти сотсиалистӣ дар Тоҷикистонро дохил кардан мумкин аст.[60]Таҷдиди хоҷагии қишлоқ дар марҳилаи таҳқиқотӣ яке аз масоили таҳқиқоти бешумори муаррихон, иқтисодчиён ва журналистон маҳсуб меёфт.Дар тадқиқоти хеш муҳақиқон дастовардҳои хоҷагии қишлоқро дар чорчӯбаи таърихӣ-ҳизбӣ инъикос намудаанд, аммо ба масоили хизматрасонии ветеринарӣ танҳо дар зимни инъикоси рушди чорводорӣ дахл кардаанд.Ба таҳқиқи фаъолияти ҳизби Коммунистӣ ва органҳои маҳаллии он ҷиҳати барқарорнамоӣ ва рушди минбаъдаи хоҷагии қишлоқ, таҳкими сохти колхозӣ дар давраи барқарорсозӣ, болоравии минбаъдаи хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон асарҳои Х. Ахмедов[61], Ф.Н. Иванов[62], В. Козачковский[63]ваК.А.Богомолова[64] бахшида шудаанд.

---

век.- Ходжент, 2001; Эркаев М., Николаев Ю., Шарофов Я. Очерки таърихи Точикистони совети.- Сталинабад,1960; Рахматуллоев А.,Мухторов С. Очеркхои таърихи Точикистони совети.- Душанбе: Маориф, 1989; Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана Т.1 (1903-1937 гг.). 3-е изд., доп. и переработ.- Душанбе: Ирфон, 1980; Т.2 (1938-1983 гг.).- Душанбе: Ирфон, 1984; Набиева Р.А., Зикриёев Ф.Б.Таърихи халки точик.- Душанбе: Сарпараст,2001; Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М. Точикистон дар асри XX ва аввали асри XXI.-Душанбе:Матбуот,2008.

[60] Саидмуродов Х.С. Построение фундамента социалистической экономики в сельском хозяйстве Таджикистан.- Душанбе, 1965;Усмонов Р. Деятельность политотделов по укреплению совхозов Таджикистана (1933-1940 гг.).- Душанбе: Ирфон, 1965; Казачковский В.А. От феодализма до победы сициапизма. -Душанбе, 1966; Сучков А.В. Социалистическое преобразование сельского хозяйства Таджикской ССР,-Душанбе: Ирфон, 1967; Юсуфбеков Р.,Севликянц Г. Колхозное проиозводство Таджикистана и управление им на современном этапе,- Душанбе: Ирфон, 1970; Назаршоев М. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм (1918-1968 гг.- Душанбе, 1970; Анваров М. Роххои баланд бардоштани иктисодиети колхозхо.-Душанбе: Ирфон, 1972;Набиева Р. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм,- Душанбе: Ирфон, 1973;Масов Р. Историография социалистического сельского хозяйства в Таджикистане (1917-1967 гг.).- Душанбе:Дониш, 1974,- 126с.

[61] Ахмедов А. Ирригация в Таджикистане.—Душанбе,1957; Он же. КПСС - организатор обобщения и внедрения передового опыта в хлопководстве.— Душанбе: Ирфон,1969; Марксистко-ленинское учение об интенсификации сельского хозяйства. - Душанбе: Ирфон,1971; Он же. КПСС в борьбе за интенсификацию хлопководства.—Душанбе: Ирфон,1976.

[62].Иванов Ф.Н. Из опыта работы партийных организаций Таджикистана по подготовке, расстановке и воспитанию руководящих колхозных кадров.—Душанбе:Ирфон,1965; Из опыта работы Компартии Таджикистана по организационно-хозяйственному укреплению колхозов (1946-1966гг.). −Душанбе:Ирфон,1974; Партийное руководство колхозами (1945-1970) (На материалах Таджикистана).−Душанбе: Дониш,1985.

[63]Козачковский В. От феодализма до победы социализма. —Душанбе:Ирфон,1966; Таджикская ССР в первой пятилетке(1946-1950 гг.)//Материалы к истории таджикского народа в советский период.-Сталинабад,1954.-С.381-460.

[64] Богомолова К.А. Из истории борьбы нашей партии за организацию и укреплению колхозов. — Сталинабад,
1954.

Аҳамияти таърихии таҷрибаи таҳкими ташкилотӣ-хоҷагии колхозҳо дар таҳқиқоти илмии як қатор олимон, назириМ.Яҳъяев[65], М.К.Мирзоев[66], Х.Мухамедов[67] таҷассум гардидаанд.

Таърихи рушди обёрии сунъӣ ва табиии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти Н.И. Миронов, А. Ахмедов, М. Ҳамроев, С.З. Мирошниченко, Р. Абулҳаев, А. Эргашев, Х. Холҷураев[68], ки дар онҳо махсусиятҳои рушди хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, шаклҳо ва усулҳои корҳои ҳизбӣ-ташкилотӣ таҷассум ёфтаанд, инъикос гардидаанд.Масоили хоҷагии аграрӣ дар чорчӯбаи тадқиқи дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар даврони истиқлолият дар асарҳои профессор Н.Б. Ҳотамов[69] инъикос ёфтаанд.

Ба гурӯҳи сеюм таҳқиқоти махсуси нисбатан мушаххас, ки шумораи онҳо чандон зиёд нест, дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ асарҳои махсус оид ба чорводорӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимони институтҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳуриро, ки ба масоили чорводорӣ рабт доранд, нисбат додан мумкин аст.Дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни таърихи чорводорӣ баррасӣ гардидаанд, аммо масоили ветеринарӣ ҷамъбаст нагардида, ба таври маҷмӯӣ тадқиқ нашудаанд.

Нахустин маротиба Атахонов Р.Х[70] дар диссертатсияи номзадии хеш кӯшиш намудааст, ки таърихи рушди чорводории Тоҷикистонро аз нигоҳи таърихӣҷамъбаст намояд. Вале, а) таҳқиқоти ӯ аз ҷиҳати хронологӣ танҳо як панҷсола (с.1966-1970)-ро фаро мегирадва б) муаллиф бо истифода аз маводи бойгонӣ ва таълифоти нашргардида, асосан рафти рушди чорводории ҷамъиятии Тоҷикистонро таҳлил намудааст.Масоили мавриди таҳқиқи мо бошанд маҳсус тадқиқ ва ҷамъбаст нагардидаанд.Ба тадқиқи масоили таърихи чорводорӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла хизматрасонии зооветеринарӣ ва рушди илмҳои зоотехникӣ ва ветеринарӣ шумораи зиёди таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ бахшида шудааст.Дар байни онҳо асарҳои Х. Абдуназаров[71], бахусус монографияи «История животноводства Таджикистана», ки таърихи 70-солаи чрводории Тоҷикистон (с.1924-1991) -ро фаро мегирад, мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

---

[65] Яхъяев М. Организационно-хозяйственное укреплению колхозов в Таджикистане (1933-1935 гг.)// Очерки по истории Таджикистана, т.1.-С.149-170.

[66]Мирзоев М.К. К истории организационно-хозяйственного укрепления колхозов Таджикистана/В кн. Очерки по истории Таджикистана.-Т.2.-Сталинабад,1959.; Он же. Коммунистическая партия в борьбе за организационно-хозяйственное укрепление колхозов и победу колхозного строя в Таджикистане //Уч. Зап. Душанбе. гос. пед.ин-та.-Т.37,вып.5,1963.-.116-197.

[67]Мухамедов Х. Борьба партийной организации Таджикистана по организационно-хозяйственному укреплению колхозов (1946-1966 гг.).-Душанбе:Ирфон,1974.

[68]Абулхаев Р.А.Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане. Душанбе: Дониш, 1988. 285 с.; Он же.Вклад трудящихся советских республик в водохозяйственное строительство и освоение новых земель в Таджикистане (30-е и первая пол. 80-х гг. XX в.). Душанбе, 2006 и др.

[69] Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования в Таджикистане (1991-2000г). Душанбе, 2003. 137с.

[70] Атахонов Р. Деятельность Коммунистической партии Таджикистана по развитию общественного животноводства в годы восьмой пятилетки (1966-1971). — Ташкент — 1973.

[71] Абдуназаров Х . «Становление и развитие общественного животноводства Таджикистана (1924-1991 г.).-Душанбе, 2009.

Дар таърихнигории масоили тадқиқшаванда як қатор таълифотеро, ки дар онҳо масоили чорводорӣ ва хизматрасонии зооветеринарӣ аз нигоҳи таърихӣ – ҳизбӣ таҳқиқ гардидаанд, қайд кардан зарур аст.[72] Дар онҳо ба таври умумӣ нақш ва аҳамияти чорводорӣ дар асоси илмҳои зоотехникӣ ва ветеринарӣ инъикос гардидаанд.

Таҷдиди хоҷагии қишлоқ дар марҳилаи тадқиқшаванда яке аз объектҳои таҳқиқ барои муаррихон, иқтисодчиён ва дигар ҷамъиятшиносони бешумор маҳсуб меёфт.Осори онҳо дар шакли монографияҳо, брошюраҳо, мақолаҳои илмӣ дар маҷмӯаҳои илмӣ, ки масоили гуногуни чорводориро таҷассум кардаанд, ба табъ расиданд. Ба ин гуруҳ инчунин асарҳои дастаҷамъӣ, ки оид ба хоҷагии қишлоқ ва сохтмони колхозӣ бахшида шудаанд, дохил мешаванд.[73]

---

[72] Трапезников С.П. Исторический опыт КПСС в осуществлении ленинского кооперативного плана.-М.:Мысль, 1965; Шарапов Г.В. Ленинский кооперативный план и его международное значение.-М.:Политиздат,970; Бабаева Х. Большевики Таджикистана в борьбе за развертывание массовой коллективизации сельского хозяйства республики (1929-1930г.). Автореф. дисс….канд. ист.наук.- М., 1950; Шупикова М.С. Борьба Коммунистической партии Таджикистана за организационно-хозяйственное укрепление колхозов в годы четвертой пятилетки. Дисс… канд. ист. наук, М.,1954, Шокиров А. Борьба Коммунистической партии за новый подъем общественного хозяйства колхозов республики в пятой пятилетке. Дисс….канд. ист. наук.- Душанбе,1956; Шокиров Б. Деятельность Кулябской областной партийной организации по организационно - хозяйственному укреплению колхозов (1946-1955 гг.). Дисс….канд. ист. наук.- Душанбе,1975 ; Набиева Р.А. Исторический опыт раскрепощения женщин Таджикистана и повышение их роли в строительстве социализма (1917-1937 гг.). Дисс….докт. ист. наук.-Душанбе,1973; Мухторов С. Общественно-производственная деятельность колхозного крестьянства Таджикистана в 1961-1980 годы. Автореф. Дисс….докт. ист. наук.- Душанбе,1991. Случак В. Сельское хозяйство Таджикистана на пути социалистической реконструкции.-Душанбе, 1930; Протопопов Д.З. Таджикская ССР за 10 лет.- Сталинабад, 1939: Сергеев С.С. Организационно хозяйственное укрепление колхозов и укрупнение мелких сельскохозяйственных артелей.-М.,1951; Марсаков К.П. Колхозное строительство в Таджикистане в годы второй пятилетки (1929-1937 г.).- Москва - Сталинабад, 1956: Антоненко Б.А. Подготовка массовой коллективизации в сельском хозяйстве Таджикистана.- Сталинабад, 1957; Ли В.Г. Развитие экономики укрупненных колхозов Таджикской ССР (1950-1958 гг.).- Сталинабад,1959; Сечкина Л.П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны.-Сталинабад, 1960; Козачковский В.А. От феодализма до победы социализма.-Душанбе, 1966; Сучков А.В. Социалистическое преобразование сельского хозяйства Таджикской ССР.-Душанбе: Ирфон,1967; Набиева Р.А. Занони Точикистон дар солхои Чанги Бузурги Ватани//Коммунист Таджикистана, 1967, №1; Набиева Р. Женщины Таджикистана.-Душанбе: Ирфон, 1991; Масов Р. Историография социалистического сельского хозяйства в Таджикистане (1917-1967 гг.).-Душанбе:Дониш,1974; ДриккерХ.Н.Формирование классов социалистического общества в Таджикистане. – Душанбе, 1983; Зикриёев Ф.Б.Комсомол Таджикистана.- Душанбе: Ирфон, 1985; Иванов Ф.Н. Партийное руководство колхозами (1945-1970 гг.).-Душанбе: Дониш,1985. Максумов А.Н. Сельское хозяйство Советского Таджикистана // Сельское хозяйство Таджикистана, 1967, № 11. Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-1965 гг.).- Душанбе, 1967; Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.).- Душанбе,1968; Очерки по истории Советского Бадахшана.-Душанбе, 1981; Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.).- Душанбе: Дониш, 1980.

[73] Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-1965 гг.).- Душанбе, 1967; Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.).- Душанбе,1968; Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.).- Душанбе: Дониш, 1980.

Дар онҳо ҳолати хизматрасонии зооветеринарӣ ва илми чорводорӣ таҷассум ёфтаанд.Баъзе ҷанбаҳои таърихи хизматрасонии зооветеринарӣ ва илми зоотехникӣ дар маҷмӯаи илмии «Актуальные проблемы повышения продуктивности сельскохозяйственных животных» (Душанбе: Маориф, 1993) ва дар асари дастаҷамъӣтаҳти унвони «Животноводство Таджикистана» (Душанбе: Ирфон, 1985), инчунин як қатор таълифоти дигар инъикос гардидаанд.Ҳамин тавр, дар зимни таълифи диссертатсия унвонҷӯ ба доираи васеи таҳқиқоти таърихӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ такя кардааст, ки дар тули зиёда аз 70-сол ба табъ расида, дар онҳо ба таври умумӣ масоили хизматрасонии зооветеринарӣ дар ҷумҳурӣ таҷассум ёфтаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара, таҳти унвони «Омӯзиши таърихи Хатлон: дирӯз ва имрӯз» барои солҳои 2016-2020 ба иҷро расидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хизматрасонии зооветеринарии Тоҷикистони Шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Расидан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- инъикоси раванди бунёди пойгоҳи моддӣ-техникии хизматрасонии зооветеринарӣ дар ҷумҳурӣ;
- омӯзиши раванди ташаккулёбии пойгоҳи кадрии хизматрасонии зоотехникӣ ва ветеринарӣ;
- баррасии саҳми олимони Тоҷикистон ҷиҳати офариниш ва беҳтаргардонии зоти ҳайвоноти хонагӣ;
- таҳлили раванди мубориза бо бемориҳои ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ;
- тадқиқи раванди мубориза алайҳи бемориҳои паразитӣ ва сироятии ҳайвонот– рушди илми ветеринарӣ дар Тоҷикистон;
- инъикоси дигаргуниҳои тадриҷии корҳои зотпарварӣ дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ;
- ошкор намудани дурнамои хизматрасонии зооветеринарӣ дар шароитҳои муосири Тоҷикистон.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ҳуҷҷатҳо ва маводи тоза, ки ба тадқиқи амиқи таърихи хизматрасонии зооветеринарии Тоҷикистон мутаносибан ба осори қаблии олимон имкон медоданд, мавриди коркарди илмӣ қарор гирифтанд. Зимни тадқиқи маводи мушаххас раванди зуҳур ва рушди хизматрасонии зооветеринарӣ дар заминаи дастовардҳои илм, шурӯъ аз хизматрасонии зооветеринарии дағал то усулҳои илман асоснок мушоҳида мегардад. Махсусиятҳои кори зоотехникҳо ва духтурони ҳайвонот дар шароитҳои хоси иҷтимоӣ-иқтисодии деҳоти Тоҷикистон бо пойгоҳи моддӣ-техникии ноқис ошкор мегардад. Дар заминаи маводи санадӣ хусусиятҳои хоси хизматрасонии зооветеринарӣ, ки дар он боқимондаҳои феодалӣ, инчунин таъсири руҳониён дар сурати табибон маҳфуз монда буданд, тавзеҳ меёбад.

Нақш ва аҳамияти хизматрасонии зооветеринариро дар рушди чорводорӣ баён намуда, диссертант кӯшиш менамояд, ки тадриҷан ташаккулёбии

хизматрасонии зооветеринарӣ ва нақши онро дар рушди иқтисодиёти мамлакат нишон диҳад.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқот муваффақиятҳо ва нокисиҳои раванди хизматрасонии зооветеринарӣ дар рушди чорводории колхозӣ-совхозии ҷумҳурӣ ба таври мушаххас ва санадӣ нишон дода шудааст.Ба ҳайси талаботи нав дар омӯзиши дарсҳои таърих, паҳлуҳои алоҳидаи хизматрасонии зооветеринарӣ, ки ҷиҳати рушди чорводорӣ дар марҳилаи муосир истифода мешаванд, илова мегарданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти амалии вазоратҳо ва идораҳо, инчунин институтҳои илмӣ-таҳқиқотии чорводорӣ ва ветеринарии мамлакат, Академияи илмҳои хоҷагии қишлоқ, дар Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коркарди барномаҳо ва консепсияҳо ҷиҳати рушди чорводорӣ дар Тоҷикистон метавон истифода бурд. Хулосаҳои диссертатсия ва баъзе маводро инчунин ҷиҳати таълифи таърихи бисёрҷилдаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, дар зимни хондани курсҳои махсус ба аспирантон ва донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Доираи хронологии таҳқиқот**ҳафтод соли даврони шӯравӣ (с.1924-1991), аз замони таъсисёбии Ҷумҳурии мухтори Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон то пароканда гардидани Иттиҳоди Шӯравиро фаро мегирад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.**Ҳангоми таълифи диссертатсияусулҳои гуногуни тадқиқи ҳодисаҳои таърихӣ, ба амсоли тасвир, таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасткунӣ, принсипи инъикоси воқеии таърих истифода шудаанд.

Пойгоҳи назариявии таҳқиқотро тадқиқоте, ки ба масоили мубрами таърихи чорводорӣ бахшида шудаанд, инчунин идеяҳои пешқадами арбобони замони гузашта ва муосир ташкил медиҳанд.Дар диссертатсия дастовардҳои илмӣ-назариявии олимон – муаррихон, философҳо, иқтисодчиён, биологҳо, сотсиологҳо, ки масоили ветеринарӣ ва чорводориро инъикос намудаанд, истифода шудаанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқотро** ҳуҷҷатҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМДҶТ), Бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТНҶТ), Бойгонии ҷории Вазорати хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгониҳои давлатии вилоятҳои Суғд, Хатлон (бойгониҳои минтақавии Кӯлоб ва Бохтар) ташкил медиҳанд. Дар ин бойгониҳоиттилоот ва санадҳо оид ба масоили чорводорӣ, мукамалгардонии пойгоҳҳои моддӣ-техникии чорводорӣ, роҷеъ ба фаъолияти колхозу совхозҳо ҷиҳати рушди чорводории ҷамъиятии ҷумҳурӣ ба низом даровард шудаанд.Ҳуҷҷатҳои зиёди вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии чорводоронро таҷчасумкунанда низ истифода шудаанд.

Гузашта аз ин, маводи ҷории як қатор бойгониҳои идораҳо, ноҳияҳо, бойгониҳои колхозҳо[74], совхозҳои чорводорӣ,[75] институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ[76]мавриди истифода қарор гирифтаанд.

---

[74]Архивы колхозов: им.Ленина Пролетарского района; «Москва» Канибадамского района; им. Ленина Восейского района; «Кзыл Октябрь» и Карла Маркса Колхозабадского района; «Навобод» Джиликульского района.

Бояд қайд кард, ки ҳуҷҷатҳои дар бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатӣ маҳфузбуда, аз ҷониби муаллиф бодиққат омӯхта шуда, аз назари интиқодӣ баҳогузорӣ шудаанд.

Манбаъи дигар ҷиҳати таҳқиқи масоили мазкур маҷмӯаҳои оморӣ[77], кидар онҳо маводи ҷамъбастии динамика ва рушди чорводорӣ, тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодии дар ҳаёти заҳматкашони деҳот ба амал омадаро тавсифкунанда гирдоварӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.Бешубҳа, дар зимни истфодаи ин мавод маълум гардид, ки дар баъзеи онҳо ба камбудиҳо роҳ дода шудааст. Аз ин рӯ, муаллиф онҳоро низ аз нуқтаи назари интиқодӣ истифода намудааст.

Маводи санадии ғаниро муаллиф аз саҳифаҳои матбуоти даврӣ[78] пайдо кардааст. Вале бояд қайд кард, ки дар саҳифаҳои маҷалаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣва ноҳиявӣ асосан маводи характери мусбӣ дошта ба табъ расидаанд. Маводи матбуоти давриро низ мо аз назари интиқодӣ мавриди истифода қарор дода, онҳоро бо маводи муътамад ва хулосаҳои шахсӣ муқоиса намудаем.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ дар шароитҳои душвори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ пойгоҳи моддӣ-техникӣ бунёд ёфта, марҳила ба марҳила масоили омода кардани мутахассисони касбӣ дар риштаи хизматрасонии зооветеринарии Тоҷикистон ҳал гардид;

- дар натиҷаи гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ усулҳои ҷадиди хизматрасонии зооветеринарӣ, ки бо технологияи нав муҷаҳҳаз буданд, таъсис ёфтанд;

- дар раванди таҳким ва рушди сохти колхозӣ-совхозӣҷиҳати ташкили хизматрасонии зооветеринарӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд;

- нуқтаҳои саҳроии ветеринарӣ ҷиҳати танзими ҳолати чорводории Тоҷикистон дар минтақаҳо бунёд ёфтанд;

- дар асри XX чорводории ҷумҳурӣ ду марҳилаи барқароршавиро паси сар кард: баъди солҳои 20-30-юми асри XX ва баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945). Нообаста ба санҷишҳои шадид, хизматрасонии зооветеринарӣ

---

[75] Архивы совхозов: «Машъал» Вахшского района; «Кабадиан» Кабадианского района; «Гиссар» Пархарского района, «Дангара» Дангаринского района; Совхоза техникума им. Файзали Саидова (бывш. им.В.В.Куйбышева).

[76]Архивы Таджикского научно-исследовательского института животноводства (ТНИИЖ); Вахшского отделения научно-производственного объединения «Зироат» (бывший НИХИ).

[77] Народное хозяйство Таджикской ССР в 1965 г. -Душанбе, 1966; Народное хозяйство Таджикской ССР в1974 г.- Душанбе, 1975; Народное хозяйство Таджикской ССР в 1986 г.- Душанбе, 1987; Сельское хозяйство Таджикистана в 1968 г. -Душанбе, 1969; Народное хозяйство Курган-Тюбинской области в 1986 году. Юбилейный стат.сб. к 70 - летию Великого Октября.- Курган-Тюбе,1987; Курган-Тюбинская область в цифрах. Стат. сб. Курган-Тюбе, 1989; Народное хозяйство Кулябской области в 1990.- Стат. ежегодник.- Куляб, 1991.

[78] Сельское хозяйство Таджикистана; Сельская жизнь (Хаёти дехот); Агитатор Таджикистана; Коммунист Таджикистана, Известия АН РТ; Советская зоотехния; Ветеринария; Животноводство; Наука и передовой опыт в сельском хозяйстве; Колхозное производство; Занони Точикистон; Коммунист Таджикистана (Народная газета); Точикистони Совети (Чумхурият); Совет Тожикистони (Халк овози); Областные и районные газеты исследуемого периода.

фаъолияти хешро хотима надод, баръакс, дар раванди барқароршавӣ нерӯи тоза ва таҷриба касб намуд;

- дар марҳилаи тадқиқшаванда як зумра олимон, ки ба беҳтар кардани зоти ҳайвоноти хонагӣ машғул буда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буданд, ба воя расиданд;

- дар раванди таҳким ва рушди муассисаҳои илмӣ ва таъмини онҳо бо кадрҳои баландихтисос имконијтҳои васеъ ҷиҳати таҳкими равобити байналхалқӣ дар риштаи илмҳои зоотехникӣ ва ветеринарӣ фароҳам омад.

**Саҳми шахсии** унвонҷӯ дар ба даст омадани натиҷаҳо дар коркарди назарияҳои илмӣ, омӯзиши маводҳои бойгонӣ, дар ба низомдарории манобеи таърихӣ, ки қисмате аз онҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд, зоҳир мегардад.

**Таъйид (апробатсия)-и диссертатсия.** Хулосаҳоиасосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардидаи муаллиф таҷассум ёфтаанд. Онҳо инчунин дар баромадҳои диссертант дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ в амалии ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конфронсҳои илмӣ-назариявии ҳамасолаи апрелии ҳайати профессорон ва муаллимони донишгоҳҳои Бохтар ва Данғара иброз гардидаанд. Муҳокимаи диссертатсия дар кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара ва шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ сурат гирифта, мусбат арзёбӣ гардид ва ба ҳимоя тавсия шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**Диссертатсия дар ҳаҷми 163 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Рӯйхати адабиёт 244 номгӯйро фаро мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор муайян шудаанд ва муқарраротти ба ҳимоя пешниҳодшаванда иброз гардида, пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот тавсиф шудааст.

**Дар боби аввал - «Ташаккулёбии хизматрасонии зооветеринарии Тоҷикистондар солҳои 1924-1945»** дар сепараграф бунёди пойгоҳи моддӣ-техникии хизматрасонии зооветеринарӣ аз замони барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар марзи Тоҷикистони кунунӣ таҳлил мегардад.

**Дар параграфи якум - «Тадорукоти ташкилӣ-хоҷагӣҷиҳати таъсиси хизматрасонии зооветеринарӣ»** чорабиниҳо ҷиҳати таъсис додани муассисаҳои ветеринарӣ дар солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ инъикос гардидаанд. Дар он қайд мегардад, ки ҳанӯз дар соли 1920 дар уезди Хуҷанд ду табобатгоҳи ветеринарӣ, дар Хуҷанд ва Уротеппавуҷуд доштанд, ки ба хизматрасонии зооветеринарӣ машғул буданд.

Дар арафаи таъсиси ҶМШС Тоҷикистон хоҷагии қишлоқи он, ки асоси иқтисодиёти ҷумҳуриро ташкил медод, дар ҳолати ниҳоят вазнин қарор дошт. Аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҷониби босмачиҳо хароб гашта буданд. Ҳамаи ин ба вазъи моддии чорводорон таъсири манфӣ расонд.

Бо мақсади ҷустуҷуи воситаҳо баҳри нигаҳдошт ва рушди хизматрасонии ветеринарӣ дар ҷумҳурии Туркистон, 12 марти соли 1923 таҳти имзои Раиси Кумитаи Иҷрояи Марказии Умумииттифоқӣ М.И. Калинин ва ҷонишини Раиси Шӯрои Комиссарони Халқии ИҶШС А.Д. Цюрупа қарор қабул карда шуд. 1 январи соли 1926 шабакаи ветеринарии Тоҷикистон аз нуқтаҳои ветеринарии Ғарм, Уротеппа, Панҷакент, Сталинобод ва Кулоб таркиб ёфта буд. Ҳамагӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ 7 нуқтаи ветеринарӣ фаъолият мекард.

Дар Тоҷикистон дар солҳои 1925-1926 ду духтури ветеринар ва ҳашт федшер – дастёри духтур вуҷуд доштанд, муассисаҳои ветеринарӣ ба 39-то расиданд.

Дар солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ, новобаста ба мушкилоти зиёди иқтисодӣ ва вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ ба хизматрасонии зооветеринарии Тоҷикистон 45 ҳаз. 390 сум ҷудо шуд.

Хизматрасонии зооветеринарӣ то соли 1930 асосан аз ҳисоби ҷамъоварии маблағҷиҳати муоинаи ветеринарӣ вуҷуд дошт.

Лозим ба зикр аст, ки дар давраи таҳқиқотӣ хизматрасонии зооветеринарӣ дар шароитҳои ниҳоят вазнин ташаккул меёфт. Аз як тараф ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, аз ҷониби дигар, норасоии захираҳои моддӣ эҳсос мешуд. Дар чунин шароит ягонагии халқи бисёрмиллатаи шӯравӣ нақши муҳим мебозид.

Аз соли 1931, вақте ки нахустин совхозҳои чорводорӣ дар ҷумҳурӣ таъсис ёфтанд, диққати асосӣ ба беҳтар гардонии пойгоҳи моддӣ-техникии ин совхозҳо равона шуда буд. Таъминкунии мутамаркази совхозҳо ба роҳ монда шуд.

Оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар соли 1941 ба меҳнати осоиштаи созандаи халқи шӯравӣ хотима бахшид.Шароитҳои давраи ҷанг рушди аспparвариро тақозо мекард, чунки таъмини колхозҳои ҷумҳурӣ ба қувваи кори боркаш нокифоя буд. Мутаносибан ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ба як колхоз 5 сар аспи корӣ, дар вилоятҳои Кулобу Ғарм ва ВМБК – танҳо як сар асп мувофиқ меомад.[79]

Дар давраи таҳқиқотӣ, рушди хизматрасонии зооветеринарӣдар Тоҷикистон доимо дар маркази таваҷҷуҳи вазорату идораҳо қарор гирифта буд. Бояд зикр кард, ки марҳилаи ташаккулёбии хизматрасонии ветеринарӣ бомуваффақият анҷом ёфт. Дар тамоми ҷумҳурӣ шабакаи хизматрасонии ветеринарӣтаъсис дода шуд.

**Дарпараграфи дуюм - «Таъсиси пойгоҳҳои илмӣ-техникӣ ва кадрии хизматрасонии зоотехникӣ”** масоили таъминоти илмӣ ва кадрии хизматрасонии ветеринарии Тоҷикистон тадқиқ гардидаанд. Дар он қайд карда мешавад, ки дар солҳои 20-30-уми асри гузашта ҳукумати шӯравӣ бо мақсади омӯзиши захираҳои меҳнатии минтақа дар саросари кишвар, аз ҷумла Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон экспедитсияҳои гуногун ташкил кард.

Яке аз масъалаҳои муҳимдар раванди ташаккулёбӣ ва рушди хизматрасонииветеринарӣ дар Тоҷикистон тарбияи кадрҳо ба ҳисоб мерафт. Ин масъала,бахусус, дар оғози ҳокимияти шӯравӣ дар солҳои 20-30-уми асри XX шадид буд.

[79] ЦГА РТ, ф. Р-288,оп.5,д.5,л.107.

Рушди илми ветеринарӣ дар ҷумҳурӣ хусусиятҳои худро дорад. Бо дарназардошти он, ки дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ва таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1924, дар соҳаи биология ва ветеринарӣ кормандони илмӣ набуданд, дар Тоҷикистон таҳқиқотҳо бо роҳбарии олимони намоёни рус гузаронида мешуданд.

Барои ба вуҷуд овардани пойгоҳи устувори илмӣ - техникии хизматрасонии ветеринарӣ дар охири солҳои 20-уми асри гузашта, ба минтақа олимон-тадқиқотчиён соҳаҳои гуногуни илм фиристода шуданд. Ба ҷумлаи ин муҳаққиқон табиб-паразитолог Е.Н.Павловский, муҳаққиқи хокҳо И.Н. Антипов-Каратаев, селексионери пахта В.П.Красичков, биолог П. Н. Овчинников ва таърихнигор - шарқшинос А. А.Семёнов дохил мешуданд.

Дар рушди илми ветеринарии Тоҷикистон Э.Н. Павловский (1884-1965) - олими рус, паразитологи машҳур, духтури ҳарбӣ, зоолог, энтомолог, муассиси муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ саҳми бузург гузоштааст.

Хронологияи пайдоиши институтҳои ветеринариро дар Тоҷикистон таҳқиқ намуда, бояд қайд намоем, ки таҳқиқот дар самти паразитология дар Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз ҷониби профессор В.Л. Акимов, ҳангоми экспедитсияи соли 1913 оғоз гардида буданд. Қадами навбатии муҳим дар ин самт омӯзиши олами фулуси Тоҷикистон, таҳқиқоти Э.Н. Павловский, ки дар соли 1928 дар доираи экспедитсияи паразитологии Осиёи Миёнагии Академияи илмҳои ИҶШС ва Академияи ҳарбӣ-тиббии ба номиС.М. Киров ба анҷом расидааст, ба ҳисоб меравад.[80]

Дар равандикорҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи чорводорӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар давраи Шӯравӣ гузаронида шуда буданд, самтҳои асосии таҳқиқоти олимон омӯзиши экспедитсионии захираҳои чорводорӣ ва таҳқиқоти стационарӣ оид ба беҳтар кардани сифати зотҳои маҳаллии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ ва омӯзиши таъминоти озуқаворӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Таҳқиқот оид ба гелминтозҳои ҳайвоноти хочагии қишлоқ низ яке аз аввалин корҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Онҳо дар соли 1929 аз ҷониби Экспедитсияи паразитологии Осиёи Миёнаи Институти зоологияи Академияи илмҳои ИҶШС оғоз гардида, то соли 1952 бештар характери иктишофӣ доштанд.

Ҳукумати ИҶШС ва Тоҷикистон ба рушди аспарварӣ дар ҷумҳурӣ диққати махсус медоданд. Вале барои рушди аспарварӣ кадрҳоезарур буданд, ки хусусиятҳои ин намуди ҳайвоноти хоҷагии қишлокро хуб донанд. Аз ин рӯ, фермаи аспарварии №4, ки онро Комиссариати Халқии ИҶШС дар охири соли 1931 ташкил карда буд, аз аспҳое, ки аз бойҳо ва босмачиён мусодира шуда буданд, таъмин гардид. Бо мурури замон барои нигоҳубини ветеринарии ин ҳайвонот мутахассисон ҷалб карда шуданд.

Дар соли 1933 бо ташкил ёфтани лабораторияи ҷумҳуриявии ветеринарӣ, ки дар заминаи он корҳои паразитологӣ ва ташхисӣ ба роҳ монда шуда буд ва дар соли 1941 таъсис ёфтани филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС, ки ба ҳайати он кормандони Институти зоология ва паразитология дохил мешуданд, таҳқиқот дар ин самт хеле васеъ гардид. Ҳамаи ин корҳо

---

[80] См.: История ветеринарии Таджикистана.- Душанбе: Ирфон, 1999.- С. 135-137.

барои ташкили як муассисаи махсуси илмӣ- тадқиқотии ветеринарӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ аз 11 сентябри соли 1935 дар шаҳри Сталинобод дар заминаи курсҳои ветеринарӣ як коллеҷи ветеринарӣ дар ҳайати ду шуъбаи ветеринарӣ ва зоотехникӣ, ки 60 нафар донишҷӯёнро фаро мегирифт, кушода шуд.

Бо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ техникуми зооветеринарӣ муваққатан баста шуд, аммо бинобар зарурати калони мутахассисони ветеринарии ихтисоси миёна, барои эҳтиёҷоти хоҷагии деҳот ва Артиши Сурхи амалкунанда, техникуми мазкур дар соли 1942 аз нав кушода гардид. Дар соли 1943 дар ҷумҳурӣ 80 духтурони ҳайвонот кор мекарданд.

Ҳамин тавр, маводҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, ба хулосаеомадан мумкин аст, ки дар баробари ташкили хоҷагиҳои чорводории ҷамъиятӣ, хизматрасонии зооветеринарӣ низ ташкил карда шуданд. Қариб дар ҳамаи ноҳияҳо пойгоҳҳои хизматрасонии зоотехникӣ таъсис ёфтанд. Ба омодагардонӣ ва бозомӯзии кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешуд, ҷиҳати рушди хизматрасонии зооветеринарӣ пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ таъсис меёфтанд.Дар муддати кӯтоҳ, соҳаи мазкур аз мутахассисон таъмин гардид, дар заминаи мактабҳои олӣ олимони ҷавон таёр карда шуданд. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор ба рушди чорводории ҷамъиятӣ дар ҷумҳурӣ, пайдоиши зотҳои нав дар ин соҳаи хоҷагии қишлоқ мусоидат кард.

**Дар параграфи сеюми боби аввал - "Барқароршавии хизматрасонии ветеринарӣ ва лабораторияҳо дар Тоҷикистон"** қайд мегардад, ки дар ташаккул ва рушди хизматрасонии ветеринарӣ дар Тоҷикистон нақши намояндагони халқи рус бузург аст. Дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза аввалин кормандони бойтории давраи пеш аз инқилобӣ ветеринарҳои ҳарбии қисмҳои савораи артиши подшоҳӣ буданд. Ҳанӯз дар охири асри XIX, онҳо дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ мустаккар шуда буданд. Масалан, дар Хуҷанд дар соли 1906 мушовири давлатӣ Моисеев ба ҳайси духтури ноҳия кор мекард, аммо баъд аз як сол, дар соли 1907 ҳамчун корманди ветеринарӣ фаъолиятмекард. Он замон Чернотский дар Хуҷанд бойтор буд.

Аввалин пойгоҳҳои ветеринарӣ дар Уротеппа дар аввали асри XX пайдо шуданд. Дар ин ҷо аз соли 1907 то 1908, ветеринар Харвотч, ветеринар Ефремов кор кардааст. Ғайр аз ин, ду нуқтаи бехатарии ветеринарӣ дар маҳалҳо фаъолият мекарданд.

Тағйироти куллӣ дар муқоиса бо давраи аморати Бухоро ва хонигариҳо, пас аз Инқилоби Сотсиалистии Октябр рух доданд. Бо барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ як гурӯҳ мутахассисони ветеринарӣ аз Россия ба Тоҷикистон фиристода шуданд.

Гурӯҳи аввали мутахассисон дар солҳои 1924-1925 ба Тоҷикистон омада буданд. Онҳо нафароне буданд, ки аз қисмҳои Артиши Сурх озод шуда буданд.

Соли 1925 дар сар то сари ҷумҳурӣ як ветеринар ва як фельдшери ветеринарӣ кор мекард. Дар ду соли оянда даҳ нуқтаи ёрии ветеринарӣ ва ду пункти тиббӣ ташкил карда шуданд.

Маркази миллии ташхиси ветеринарӣ дар соли 1927 дар асоси Қарори Шӯрои Комиссарони Халқии Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии

Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод, ҳамчун аввалин озмоишгоҳи бактериологӣ таъсис дода шуд.

Дар соли 1929 бори аввал шабакаи давлатии ветеринарии муассисаҳо ва шӯъбаи ветеринарӣ дар назди Комиссариати халқии кишоварзии ҷумҳурӣ ташкил карда шуд. То ин вақт дар ҷумҳурӣ 18 духтури ветеринар ва 26 фельдшери ветеринарӣ кор мекарданд.

Аз ҷумлаи аввалин мутахассисони ветеринарӣ дар Тоҷикистон, духтури ветеринарии шоистаи ҷумҳурӣ Г.П.Синельников, духтурони ветеринарӣ Караулов, Липишенко, Усов, фелдшерони ветеринарӣ Ф.К.Дзюбаненко ва С.П.Сиянкоро қайд кардан мумкин аст.

Соли 1927 дар Душанбе аввалин лабораторияи ветеринарӣ ва дар соли 1931 озмоишгоҳи махсуси омӯзиши ашёи чарм ташкил карда шуд.

Дар соли 1931, сохтмони як бинои маъмулӣ барои клиникаи ветеринарӣ дар Душанбе оғоз ёфт. Барои ин аз буҷаи давлат 63 ҳазор рубл ҷудо карда шуд.

Раванди таъсис додани хизматрасонии ветеринарӣ бо душвориҳо сурат мегирифт. Ин давра дар Тоҷикистон солҳои 20 ва 30-юми асри XX-ро фаро мегирад. Ҳукумати ҷумҳурӣ, шуруъ аз соли 1930 ҷиҳати рушди шабакаи муассисаҳои ветеринарӣ мунтазам маблағгузорӣ мекард. Ҳамин тавр, дар соли 1931 аз буҷети давлатӣ барои хизматрасонии ветеринарӣ 600 000 рубл ҷудо карда шуд.[81]

Барои гузаронидани чорабиниҳои ветеринарӣ бо мақсади пешгирӣ кардани бемориҳои сироятӣ дар соли 1936 71,6 ҳазор рубл ҷудо карда шудааст. (168 ҳазор рубл аз буҷети иттифоқӣ, 578 ҳазор рубл аз буҷети ҷумҳуриявӣ).[82]

Дар ин давра шабакаи хизматрасонии ветеринарӣ тавсеа ёфт. Дар соли 1937 ин шабака 57 шӯъбаи ветеринарӣ, 40 нуқтаи ёрирасони ветеринарӣ ва 3 лабораторияи байниноҳиявиро дар бар мегирифт. Оид ба такмил додани зоти чорводорӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии он корҳои зиёде оғоз гардиданд. Ҳамзамон, дар ин давра ба рушди чорводории ҷамъиятӣ заминаи сусти хӯроки чорво, нигоҳубини нодурусти чорво ва нарасидани кадрҳои баландихтисоси мутахассисони соҳаи чорводорӣ ва духтурони ветеринарӣ монеагӣмекарданд.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон ба шарофати фаъолияти муваффақи хизматрасонии ветеринарӣ, бахусус лабораторияҳо, дар соҳаи чорводории ҷамъиятӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд.

**Дар боби дуввум - "Барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи хизматрасонии ветеринарӣ дар солҳои 1946-1990"** дар ду зербоб равандҳое, ки ба рушди соҳа мусоидат кардаанд, инъикос шудаанд.

**Дар зербоби якуми ин боб - "Аз нав барқарорсозии фаъолияти баъдиҷангии муассисаҳои зооветеринарӣ"** масоили рушди соҳа пас аз ба охир расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, дар солҳои барқарорсозии иқтисодиёти кишвар тадқиқ мегарданд. Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, саноати гӯшт ва шир зуд тараққӣ кард. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чорводорӣ дар ҷумҳурӣ, ки корхонаҳои саноатиро, аз қабили корхонаҳои гӯшту шир бо ашё таъмин

[81] Абдуназаров Х. История Животноводства Таджикистана. (монография). Душанбе: Ирфон 2006.С. 115-116

[82] Мизарбаева А.Я. Таджикский народ в борьбе за восстановление и реконструкцию народного хозяйства.- Душанбе, 1962.С.122.

мекард, ба дараҷаи кофӣ рушд ёфт.Дар иртибот ба ин, корхонаҳои коркарди гӯшт ва шир низ ҳамаҷиҳата инкишоф меёбанд.

Аз оғози соли 1950 дар соҳаи ветеринарии ҷумҳурӣ як қатор ҳодисаҳо ба амал омаданд, киҷиҳати беҳтар гардонидани кори табобатию профилактикӣ имкон медоданд.

